# ПРОТОКОЛИ №7

**ҷаласаи шурои ҳимояи якдафъаина дар заминаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмлогияи АМИТ**

13-уми июни соли 2025 ш.Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 17 нафар аъзои шуро 14 нафар

**Муовини раиси шуро:** д.и.ф.-м., Каримов Ф.Ҳ. Дар ҷаласаи имрӯза аз 17 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, №160/ҳя тасдиқ гардида 14 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чи пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география).

**Баромад намуданд:** Муовини раиси шурои диссертатсионӣ Каримов Ф.Ҳ. қайд намуд, ки дар бораи ташкили ҳимояи якдафъаинаи диссертатсияи Асламов Б.Р. аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, №160/ҳя иҷозат дода шудааст.

Котиби илмии шуро Ғайратов М.Т. ва аъзоёни шурои диссертатсионӣ Фозилов Ҷ.Н. ва Саидраҳмонзода С.С. баромад намуда иброз доштанд, ки диссертатсияи Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) ба экспертизаи аввалия пешниҳод карда шавад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Асламов Б.Р. дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмӣ, номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои техникӣ Комилов О.К.
- номзади илмҳои геология ва минералогия Саидова Д.Н.
- номзади илмҳои география Абдураҳимова М.А.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои физика ва математика Каримов Ф.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Ғайратов М.Т.